*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №27 (2854) | СЕШАНБЕ, 6 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Барқияи табрикотӣ

**Панҷуми марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон унвонии Владимир Путин ба муносибати пирӯзиаш дар интихоботи Президенти Федератсияи Россия табрикнома ирсол намуд, ки дар он чунин омадааст:**

**Мӯҳтарам Владимир Владимирович!**

Пирӯзии боварибахши Шумо дар интихоботи Президенти Федератсияи Россия ба ман имконияти фараҳбахш медиҳад, ки табрикоти самимонатарин ва орзуҳои беҳтаринамро ба Шумо ирсол дорам.

Изҳори иродаи халқи Россия далели сиёсати ҳамаҷониба фикру мулоҳизашудаи Шуморо васеъ дастгирӣ намудани аҳолии Россия буда ва мақсад аз он рушди минбаъда ва навсозии ҷомеа, дар арсаи ҷаҳон ҳамаҷониба таҳким бахшидани обрӯйи Россияи дӯст мебошад, ки Тоҷикистонро муносибатҳои зичи мушорикати стратегӣ бо он пайвастаанд.

Изҳори умедворӣ менамоям, ки ширкати Шумо дар мансаби олии Президенти Федератсияи Россия ба рушди минбаъдаи ҳамкории мутақобилаи кишварҳоямон аз рӯйи доираи васеи ҳамкорӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳавасмандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба татбиқи собитқадамонаи тавони муносибатҳои зич бо Федератсияи Россия тасдиқ намуда, мехостам иброз дорам, ки мо омодаем ҳамроҳи Шумо барои бахшидани суръати бештаре ба ҳамкории Тоҷикистону Россия ба нафъи халқҳоямон ҳамаи саъю кӯшиши зарурировба харҷ диҳем.

Ба Шумо, мӯҳтарам Владимир Владимирович, аз самими қалб тансиҳатӣ, беҳбудӣ ва дар фаъолиятатон баҳри шукуфоии Россияи бузург комронӣҳо таманно дорам.

***Дар ин бора аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМИТ «Ховар» хабар доданд***

## Сарвари давлат кадрҳоро ба хизмати софдилона ва босадоқат ҳидоят намуд

**Сеюми марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ кадрҳои ба вазифаҳои пурмасъулият дар Агентии назорати маводи нашъаовар ва Вазорати корҳои дохилӣ пешниҳодшударо барои сӯҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз зарурати муборизаи беамон бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои созмонёфтаи трансмиллӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ, пурзӯр намудани қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини волоияти қонун онҳоро ба хизмати софдилона ва босадоқат ҳидоят намуд.

Дастуру ҳидоятҳо ҳамчунин доири тарбияи хуби кадрҳои ҷавон ва риояи одоби муомилаю муошират бо мардум дода шуд.

***www.prezident.tj***

## Баррасии ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Британияи Кабир



**Дуюми марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазири давлатии Британияи Кабир оид ба Қувваҳои Мусаллаҳ Ник Харвиро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Британияи Кабир баррасӣ шуд.

«Британияи Кабир аз шарикони муҳими Тоҷикистон дар Аврупо аст ва мо ба густариши бемайлони робитаҳо бо он ҳавасмандем», - изҳор дошт зимни сӯҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Ник Харви бо ишора ба нақши калидии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ва кӯмаки муҳими он ба нерӯҳои байналмилалии посдори сулҳ дар бозсозии эътидол дар Афғонистон ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми кишвар арзи сипос намуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба масоили ҳамкорӣ барои барқарорсозии амнияту субот дар Афғонистон, пешгирӣ аз паҳншавии хатари терроризму ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир аз ин кишвари ноором ва таҳкими эътидоли минтақавӣ зоҳир карда шуд. Ник Харви ҳамчунин таъкид дошт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ба Тоҷикистон бештар кӯмак намояд, то ки ин кишвар дар иҷрои рисолати муҳими худ барои пешгирӣ аз хатарҳои мазкур дар марзи тӯлониаш бо Афғонистони ноором ҳамеша муваффақ бошад.

Дар робита ба ин омодагии Британияи Кабир ба рушди ҳамкорӣ бо сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон таъкид гардид. Масоили ташкил ва густариши ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории миёни Тоҷикистону Британияи Кабир низ аз мавзӯъҳои асосии сӯҳбат буд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба масоили байналмилалӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

***www.prezident.tj***

## Ҳамкории бистсола ва рушди муносиботи судбахш



**Дуюми марти соли 2012 ҳамчунин Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Намояндаи доимии Барномаи рушди ин созмон дар Тоҷикистон Александр Зуевро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории 20-солаи Тоҷикистону СММ ва дурнамои рушди муносиботи судбахш баррасӣ шуд.

Александр Зуев Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бо солгарди 20-уми ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудани Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, ба ӯ доир ба натиҷаҳои ҳамкории гуногунҷанбаи 20-сола муфассал иттилоъ дод.

Тавре зикр гардид, дар 10 соли охири ҳамкорӣ бо мусоидати СММ дар Тоҷикистон бо харҷи беш аз 600 миллион доллари амрикоӣ лоиҳаҳои сершумор амалӣ гардидаанд. Ҳаҷми кӯмакҳои 20-солаи тавассути СММ ба Тоҷикистон воридшуда бошад, бо назардошти арзиши амалиётҳои посдории сулҳ дар солҳои аввали ҳамкорӣ, ба миллиардҳо доллари амрикоӣ баробар мебошад.

Ҳоло намояндагиҳои 22 муассисаи СММ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ки беш аз 700 нафар корманд доранд. Дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Аврупои Шарқӣ фаъолияти аз ҳама густурдаи СММ дар Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад. Танҳо дар соли 2011 ҳаҷми кӯмакҳои молиявию техникии СММ ба Тоҷикистон ба 70 миллион доллари амрикоӣ баробар шуд. Бо дастгирии муассисаҳои СММ имрӯз дар соҳаҳои кишоварзӣ, рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ, обрасонӣ, энергетикаи хурд ва ғайра лоиҳаҳои зиёд амалӣ мегарданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти СММ барои кӯмакҳои сершумори гузашта ва дастгирии имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон арзи сипос кард.

Александр Зуев низ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми Тоҷикистон барои ташаббусҳои сершумори судбахш, ки дорои аҳамияти бузурги минтақавию ҷаҳонӣ мебошанд, изҳори миннатдорӣ намуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба татбиқи босамари нақшаҳоиояндаи ҳамкорӣ сурат гирифт.

***www.prezident.tj***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**5 марти соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро тасдиқ шуд. Сипас, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия А. Катаев масъалаҳои нахустини рӯзнома – лоиҳаҳои қонунҳои мукаммал - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» -ро ҷиҳати баррасӣ пешниҳод намуда, муфассал шарҳ доданд.

- Зарурати таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» бо дарназардошти тайи солҳои 2009-2011 қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ ба миён омадааст, - иброз дошт раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С.Раҷабов.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Шабдолов ҳамчун яке аз муаллифон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»-ро дар ҷодаи рушди соҳа, ки то ҳол дар ҷумҳурӣ дар ин бора чунин санади қонунгузорӣ вуҷуд надорад, муҳим арзёбӣ намуд. Мавсуф моҳият, мазмуну мундариҷа, зарурати таҳия ва қабули қонуни мазкурро тавзеҳ дод.

- Дар баробари нерӯи барқи аз об истеҳсолшаванда кишвари мо бояд дигар манбаъҳои энергия низ дошта бошад. Зимистони қаҳратуни имсола нишон дод, ки ба рушди соҳаи мазкур ниёз дорем, - иброз дошт вакил Ш. Шабдолов.

Раисони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов ва Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор А. Имомов масъалаҳои навбатии рӯзнома - «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» ва «Дар бораи лоиҳаи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро тавзеҳ доданд.

Мувофиқи муқаррароти қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои номбурда ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Доир ба масъалаи дигари рӯзнома - «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Сейми (Парлумони) Полша» қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъала - «Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар бораи шартҳои будубоши Дафтари Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Ҳамзамон қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум ва лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум қабул шуданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

### • Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Суратгир А. ИСОЕВ

## Қонунҳо ҷонибдорӣ ёфтанд

**2 марти соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Мамадшо Илолов ҷаласа доир гашт.**

Масъалаҳои зерин баррасӣ гардиданд:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағйир додани тарҳи шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба тағйир додани номи шаҳрак ва деҳот».

Ҷиҳати ҷонибдории масъалаҳои баррасигашта аъзои кумита таклифҳои худро иброз доштанд. Вобаста ба масъалаҳои мазкур дар алоҳидагӣ хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

**Панҷуми марти соли 2012 байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти интихобшудаи Федератсияи Россия Владимир Путин гуфтугӯйи телефонӣ сурат гирифт.**

# Гуфтугӯйи телефонӣ бо Владимир Путин

Сарвари давлати Тоҷикистон В.В.Путинро бо ғалабаи комилаш дар интихоботи Президенти Федератсияи Россия, ки 4 марти соли 2012 баргузор гардид, аз самими қалб муборакбод намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба В.В.Путин дар мансаби нав комёбию муваффақиятҳои нав орзу намуда, изҳори боварӣ кард, ки ҳамкории самарабахши байни Россия ва Тоҷикистон ба нафъи мамлакату халқҳоямон густариш меёбад ва мустаҳкам мегардад.

***Дар ин бора аз Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМИТ «Ховар» хабар доданд***

# Барқияи шодбошӣ

**Дуюми марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурииии Халқии Бангладеш Зиллур Раҳмон барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла гуфта мешавад:**

Ҷаноби Олӣ!

Сарфарозам ба муносибати фарорасии санаи хотирмон дар таърихи равобити муосири байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Бангладеш – 20-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ ба Шумо табрикоти самимӣ ва таманниёти неки хешро бифиристам.

Аз ин фурсати муносиб истифода карда, мехоҳам изҳори итминон намоям, ки муносибатҳои ҳасанае, ки то имрӯз байни кишварҳои мо ташаккул ёфтаанд, дар оянда низ густариши бемайлон пайдо намуда, ба манзури таҳкими анъанаҳои робитаҳои дӯстию бародаронаи байни мардумонамон дар соҳаҳои мухталифи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мазмуну мундариҷаи мушаххас ғанӣ хоҳанд гашт.

Ҷониби Тоҷикистон омода аст, ки барои расидан ба ин мақсадҳои наҷиб дар асоси усулҳои эътирофгардидаи баробарҳуқуқӣ, эҳтиром ва риояи манфиатҳои якдигар ҳамаи кӯшишҳои лозимаро ба харҷ диҳад.

Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, сиҳатии комилу муваффақиятҳои нав ба нав ва ба мардуми дӯсти Бангладеш сулҳу субот ва саодату рифоҳ орзумандам.

***www.prezident.tj***

# Президенти Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Франсия ҳамдигарро табрик карданд

**Сеюми марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Франсия Николя Саркозӣ барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла гуфта мешавад:**

Ҷаноби Олӣ!

Дар иртибот ба фарорасии бистумин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Франсия сарфарозам ба Шумо табрику муборакбодии самимонаи хешро бифиристам. Бамаврид аст зикр намоям, ки ҷониби Тоҷикистон тайи давраи рушди давлати худ дар фазои соҳибистиқлолӣ маҷмӯи ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро бо кишвари дӯсти Франсия самти муҳими сиёсати хориҷиаш муқаррар намуда, баҳри таҳкими онҳо талошҳои пайваста меварзад.

Боиси қаноатмандист, ки имрӯз робитаҳои байни кишварҳои мо бар асари саъю кӯшишҳои муштараки доимӣ дар чандин арсаҳои ҳамкориҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мазмуну мундариҷаи мушаххасро касб карда, рӯ ба густариши бемайлон ниҳодаанд. Мо баояндаи неки муносибатҳои гуногунҷанбаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Франсия бовар дорем ва ҳамеша барои рушду равнақи онҳо саъй хоҳем кард.

Биноан, умедворам, ки ин санаи муборак дар таърихи муосири робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни кишварҳоямон ба марҳилаи ҷадиди тавсеаи минбаъдаи онҳо ҳусни оғоз хоҳад бахшид. Бо истифода аз фурсат ба Ҷаноби Олӣ сиҳатии комилу пирӯзиҳои навин ва ба мардуми дӯсти Франсия хушбахтиву шукуфоии рӯзафзун таманно дорам.

**Сеюми марти соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Франсия Николя Саркозӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он, аз ҷумла гуфта мешавад:**

Ҷаноби Олӣ!

Барои ман шарафи бузург ва боиси фараҳмандист, ки табрикоти самимии хешро дар иртибот ба фарорасии бистумин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Франсия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шумо ирсол медорам.

Барқарории муносибатҳои дипломатӣ ба равобити дуҷониба миёни давлатҳои мо асос гузошт. Франсия аз ҷумлаи аввалин давлатҳое буд, ки истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва ин ба тақвияти муносибатҳо миёни кишварҳои мо, бахусус таҳкими робитаҳои гуногунҷанба, чӣ дар соҳаи сиёсӣ ва чӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ мусоидат намуд.

Франсия ва Тоҷикистон ду даҳсола инҷониб паҳлу ба паҳлу ҳамкорӣ доранд.

Дар тӯли ин муддат онҳо тавонистанд ҳамдигарро беҳтар шиносанд, ҳамкориҳоро ба манфиати мардуми ҳар ду кишвар, ҳам дар муносибатҳои дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби ташкилотҳои байналмилалӣ, тақвият ва густариш диҳанд.

Франсия муҳимияти ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро ба инобат гирифта, ба Шумо барои мусоидат ҷиҳати будубоши Қувваҳои ҳарбию ҳавоии он дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, ки аз ин ҷо фаъолияти худро барои эътидоли вазъ дар Афғонистон амалӣ менамоянд, ҳамчунин барои дастгириатон дар сулҳу суботи ин кишвар изҳори сипос менамояд.

Ба мардуми дӯсти Тоҷикистон хушбахтӣ ва шукуфоӣ таманно намуда, аз Шумо, Ҷаноби Президент, хоҳиш менамоям, ки эҳтироми бепоёну дӯстонаи маро нисбат ба худ қабул намоед.

***www.prezident.tj***

# Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**оид ба парванда нисбати дархости шаҳрванд Одинаев Ёқубҷон Додхудоевич «Дар бораи муайян намудани мутобиқати моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 №373 «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба моддаи 12, қисми сеюми моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 32 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**шаҳри Душанбе** **17 феврали соли 2012**

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда-Раиси Суди конститутсионӣ Маҳмудов М.А., муовини Раис Назаров М., судя-котиб Каримов К.М., судяҳо: Абдуллоев А.А., Абдуллоев Л.И. ва Гулзорова М.М.

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ Ботирова Г.,

### тарафҳо:

Одинаев Ё.Д. бо намояндаи қонунияш Юнусов Х.Б. - тарафе, ки дар асоси дархости он мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда шудааст;

Гиёев С.Н.- намояндаи ваколатдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ, Илолов М.И.-намояндаи ваколатдори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ ва Шоназаров С.А.- намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ - намояндагони тарафе, ки конститутсионӣ будани қонуни қабул, ҷонибдорикарда ва ба имзорасонидаи онҳо мавриди баҳс қарор дода шудааст;

### даъватшудагон:

Қодиров А.- муовини аввали вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Фатҳудинов В.- муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Гулматшоев Р.К. -муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Оймаҳмадов М.- судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сабкалов В.К. - муовини сардори КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва ҳуқуқшиноси ҳамин корхона Худоёров О.Ф.;

Одинаев Д.Д.-падари дархосткунанда Одинаев Ё.Д. шахси манфиатдор ба ҷонибдории дархост,

дар асоси моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14 ва 37 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мурофиаи ошкорои судӣ парвандаро аз рӯи дархости шаҳрванд Одинаев Ё.Д. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 №373 «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба моддаи 12, қисми сеюми моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 32 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, гузориши муовини раис Назаров М., баёноту хулосаи тарафҳо, фикру андешаи даъватшудагонро шунида, маводи парванда ва дигар ҳуҷҷатҳои воридшударо таҳқиқ намуда,

### муайян кард:

Шаҳрванд Одинаев Ё.Д. бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, дар он нишон медиҳад, ки 28 январи соли 2009 иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор ба базаи истеҳсолии дар моликияти хусусии ӯ қарордошта, ки дар ҳудуди ноҳияи Ҳисор воқеъ мебошад, ҳабс гузоштанд. Онҳо санади ҳабси молу мулки қарздор тартибдодаи худро ба ҳукми Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз 16 марти соли 2007, ки тибқи он ба зиммаи падари ӯ - Одинаев Д.Д. барқарор намудани зарари ба КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ба маблағи 375735, 89 доллари ИМА расонидааш вогузор карда шудааст ва муқаррароти моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 № 373 «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» асоснок намуданд, ки тибқи он:

«1.Дар ҳама ҳолатҳое, ки нигаронидани ситониш ба молу мулки қарздор ба пурра қонеъ гардонидани талаботи ситонанда оварда нарасонидааст, ситониш метавонад ба молу мулке, ки қарздор бо нияти расонидани зарар ба қарздиҳандагон бегона кардааст, ба шарте ки шахси сеюм ҳангоми ба даст овардани чунин молу мулк оид ба нияти қарздор медонист ва ё бояд медонист ё ин ки молу мулкро ройгон ё ин ки дидаю дониста бо нархи паст (камтар аз нархи бозорӣ дар ҳолати бегонакунӣ) ба даст овардааст, нигаронида шавад…

5. Ба молу мулке, ки аз ҷониби қарздор ба фоидаи ҳамсар, хешу табор ва ё хешу табори ҳамсари худ ба расмият дароварда шудааст ва ё бегона карда шудааст, нигаронидани ситониш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур амалӣ карда мешавад».

Тибқи ваҷҳҳои иҷрочиёни суд, падари ӯ- Одинаев Д. гӯё бо мақсади дар оянда раҳоӣ ёфтан аз пардохти зарари ба Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» расонидааш, базаи истеҳсолиро ба писари калониаш Одинаев Х. бегона намуда, охирин бошад онро ба амакаш Донаёров Х. фурӯхта бошад. 16 ноябри соли 2007 Донаёров Х. онро дар асоси шартномаи ҳадя, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Ҳисор таҳти реестри №6 ШД-186 ба қайд гирифта шудааст, ба ӯ ҳадя кардааст.

Одинаев Ё.Д. чунин мешуморад, ки иҷрочиёни суд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»-ро нисбат ба кирдорҳое, ки падараш Одинаев Д. то қабули қонуни зикршуда содир карда, барои онҳо ҷазои ҷиноятӣ гирифтааст, татбиқ кардаанд. Ин амали онҳо ба муқаррароти моддаи 101 Қонун «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», ки тибқи он - қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад, мухолифат дорад.

Ба андешаи ӯ, татбиқи қонуни зикршуда нисбат ба ҳукми ба қувваи конунӣ даромадаи Суди ноҳияи Шоҳмансур ба талаботи қисми сеюми моддаи 20 Конститутсия, ки тибқи он:

«Қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад» ва муқаррароти қисми дуюми моддаи 45 Конститутсия, ки «Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд», низ мувофиқ нест.

Муроҷиаткунанда, инчунин қайд менамояд, ки судҳои зикршуда дар рафти баррасии аризаи даъвогии ӯ талаботи моддаи 34-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне моликияти муштарак будани базаи истеҳсолӣ ва барои сохтмону тармими он зиёда аз 5 000 000 (панҷ миллион) сомонӣ харҷ кардани аъзои оилаи ӯро низ ба эътибор нагирифтанд.

Муроҷиатҳои ӯ дар хусуси аз ҳабс озод намудани моликияташ бо ҳалномаи Суди ноҳияи Ҳисор аз 16 октябри соли 2009 ва қарори марҳилаи кассатсионии Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2009 беқаноат мононда шуданд.

Ҳамин тариқ, судҳо бо далелҳои ба тахмину фарз ва гумон асосёфтаи санадҳои судӣ, ки гӯё Одинаев Д. базаи истеҳсолиро бо мақсади раҳоӣ ёфтан аз пардохти зарари расонидашуда ба номи шахсони наздикаш гузаронида бошад, ҳуқуқҳои конститутсионии ӯро ба моликият дағалона вайрон намуданд. Ӯро ҳамчун соҳибмулки бовиҷдон барои кирдори падараш, ки ба онҳо ягон алоқамандӣ надорад, ҷавобгар намуда,моликияташро бе асоси қонунӣ аз ихтиёрдории ӯ баровcovered.

Аз ин рӯ, ӯ моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»-ро, ки иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор нисбати молу мулки ӯ татбиқ намудаанд, ғайриконститутсионӣ меҳисобад.

Бинобар ин, ӯ аз Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки:

1. Мутобиқати моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»-ро ба моддаи 12, қисми сеюми моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 32 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсия муайян намояд.

2. Мутобиқати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»-ро, ки баъд аз содир шудани кирдорҳои ҷиноятии Одинаев Д. ва ҳукми Суди ноҳияи Шоҳмансур аз 16 марти соли 2007 қабул шудааст, ба қисми сеюми моддаи 20 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсия, ки суд ба онҳо қувваи бозгашт додааст, муайян намуда, ҷиҳати барқарор намудани маблағҳои аз тарафи аъзои оилаи ӯ барои базаи истеҳсолӣ хароҷотгардида, дастурҳои зарурӣ диҳад.

3. Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, ҳукми Суди ноҳияи Шоҳмансур ҳамчун санади судие, ки худсарона ҳолати айбдоршавандаро вазнин кардааст, бе хулосаи дахлдори мақомоти тафтишоти пешакӣ ва тасдиқи фикри айбдоркунӣ қабул шуда, барои қаноатбахш гардидани даъвои Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» оид ба рӯёнидани маблағи 375735,89 доллари ИМА асос шудааст, бекор карда шавад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости мазкурро ҳамаҷониба омӯхта, қайд менамояд, ки таъмини иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии санадҳои судӣ унсури муҳимтарини самаранокӣ ва бебозгашт будани ҷазо буда, омили рафънопазири адолати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Хусусияти ин амал дар он ифода меёбад, ки он танҳо аз ҷониби судҳои босалоҳият ва дар асоси қарорҳои қонунӣ баровардаи онҳо раво дониста шуда, инъикоси мавқеъ ва нақши ҳокимияти судӣ арзёбӣ мегардад.

Аз тарафи дигар, ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон ва шаҳрвандро бе барқарор кардани онҳо, ки тартиб ва шароити ба ҳолати аввала баргардонидани онҳоро судҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал мебароранд, тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Вобаста ба ин, моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» пешбинӣ менамояд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро ба Конститутсия асос ёфта, аз қонуни зикршуда, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 муқаррар намудааст, ки «Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад».

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, ҷиҳати таъмини ҳифз ва барқарорсозии онҳо низ бетафовут нест ва чуноне, ки моддаи 21 Конститутсия муқаррар намудааст: «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад». Яъне, ҳуқуқҳои вайроншудаи шахсро бе иҷрои санадҳои судӣ барқарор намудан мумкин нест ва ҷазо низ дар сурати татбиқ нашуданаш ба мақсади ниҳоӣ дар пешаш гузошташуда нарасида, моҳияти иҷтимоии худро гум мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» мавриди амал қарор дорад, ки тибқи он вазифаҳои истеҳсолоти иҷро- иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии маҷбурии санадҳои судӣ оид ба баҳсҳои гражданӣ ва иқтисодӣ, ҳукм ва қарорҳои вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми даъвои гражданӣ, ситонидани ҷарима ва мусодираи молу мулк, ...арзёбӣ мегардад ва он мувофиқи қонунгузорие, ки дар вақти иҷро амал мекунад, анҷом дода мешавад.

Моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», ки муайян намудани мутобиқати он ба моддаҳои дар боло зикршудаи Конститутсия мавриди баҳси муроҷиаткунанда гардидааст, тартиби нигаронидани ситонишро ба молу мулк, аз ҷумла нигаронидани ситониш ба молу мулки ба шахси сеюм ё ба фоидаи хешовандони наздик бегонакардаи қарздорро муқаррар менамояд.

Ин тартиби дар моддаи зикршуда муқаррарнамудаи қонунгузорро маҳдуд баҳо додан мумкин нест, зеро чунин амал метавонад боиси нофаҳмии моҳият ва татбиқи нодурусти он гардад. Он баҳои ҳуқуқии маҷмӯӣ доданро ба ҳодисаҳои бегона кардани молу мулк бо нияти расонидани зарар ба қарздиҳандагон, молу мулкро ройгон ё ки дидаю дониста бо нархи пасттар аз нархи бозорӣ бегона кардан, бегона кардани молу мулк ба фоидаи хешовандони наздикро тақозо дорад.

Санҷиши масъала муайян намуд, ки таъсиррасонӣ ба моликияти шахс дар ҳолати пешбининамудаи моддаи зикршуда аз як қатор асосҳои мушаххаси муносибати ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз тарафи шахс содир гаштани кирдори зидди ҳуқуқӣ, ки боиси ба субъекти дигари ҳуқуқ расонидани зарар гардидааст ва аз ҷониби суди салоҳиятнок ва санади судии дар асоси қонун қабулшуда дахолат кардан ба моликият вобастагии ногусастанӣ дорад.

Бинобар ин, иҷрои санади судӣ дар як вақт-ин ба таври маҷбурӣ маҳдуд кардани моликияти шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон он ба таъмини хуқуқи поймолшудаи конститутсионии шахси дигар ба моликият нигаронида шудааст. Муҳим он аст, ки таъсиррасонӣ ба моликият ба дараҷаи кирдори содирнамудаи субъекти ҳуқуқ, ки суд муайян намудааст, бояд баробар ва мувофиқ бошад.

Муқаррароти моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» натиҷаи иҷрои меъёрҳои моддие мебошад, ки тибқи онҳо ба амалҳои ғайриқонунии шахсони воқеию ҳуқуқӣ аз ҷониби суд баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст.

Бо ин назардошт, Суди конститутсионӣ моддаи зикршударо ба моддаи 12, қисми сеюми моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 32 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсия мутобиқ ҳисоб менамояд.

Нисбати масъалаи дигари дар дархост гузоштаи муроҷиаткунанда, яъне оид ба муайян намудани асоснокӣ ва дурустии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба муқаррароти қисми сеюми моддаи 20 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсия, ки гӯё иҷрочиёни суд зимни иҷрои санадҳои судӣ онро нисбати кирдор ва санадҳои судии то давраи қабули он содиршуда татбиқ намудаанд, бояд тазаккур дод, ки татбиқи қонуни зикршуда ба муқаррароти моддаҳои номбаршудаи Конститутсия алоқамандии мантиқӣ надорад.

Дар моддаи 20 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан дар бораи кирдори ғайриқонунии шахс ва нисбати он татбиқ намудани қонуни дар вақти содиршавии он амалкунанда рафта, моддаи 45 Конститутсия бошад масъалаҳои андоз ва қувваи бозгашт надоштани қонунеро, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, мавриди танзим қарор медиҳад. Кирдори ҷиноятии Одинев Д. ва аз ҷониби ӯ ба дигар субъекти ҳуқуқ расонидани зарари моддиро қонунҳои моддӣ муайян ва банду баст карда, ҷазо ва аз ҷониби ӯ барқарор гаштани зарари расонидашудро суд тавассути қарори худ муайян менамояд. Аз тарафи дигар, Одинаев Д. на андоз, ки он тибқи қонунгузорӣ ба буҷети давлатӣ дода мешавад, балки зарари расонидаи худро ба фоидаи даъвогари гражданӣ барқарор менамояд. Вазифаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» - ин на баҳо додан ба дараҷаи ҳуқуқвайронкунии шахс, балки муайян намудани тартиби иҷрои санади қабулнамудаи судӣ мебошад.

Бинобар ин, Суди конститутсионӣ чунин мешуморад, ки масъалаи гузоштаи мавзӯи муқоиса ва муайян намудани номутобиқатӣ ба моддаи 20 ва 45 Конститутсия буда наметавонад.

Ҳамин тариқ, моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 №373 «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба моддаи 12, қисми сеюми моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 32 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Ҳамзамон ваҷҳои дигари Одинаев Ё.Д. дар хусуси аз ҷониби иҷрочиёни суд ба эътибор нагирифтани талаботи моддаи 34-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне моликияти муштарак будани базаи истеҳсолӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои нисбати ӯ ҷойдошта, тибқи муқаррароти моддаи 47 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавассути пешниҳод ба маълумот ва баррасии мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда мешаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мувофиқи моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14, 36, 37, 46,47, 48, 50 ва 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### қарор кард:

1. Моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 №373 «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ба моддаи 12, қисми сеюми моддаи 20, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 32 ва қисми дуюми моддаи 45 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

2. Қарор қатъӣ буда, аз рӯйи он шикоят овардан мумкин нест ва аз вақти қабулаш қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

3. Қарори мазкур дар Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета» ва Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

**Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. МАҲМУДОВ**

**Судя-котиби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **К. КАРИМОВ**

**● Вакилони халқ 1938-2010**



# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**СВИГУН Семён Кузмич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Москва №297, шаҳри Чкаловск***

Соли 1916 дар вилояти Винница таваллуд шудааст. Миллаташ украин.

Дар вазифаҳои ҷонишини якуми вазири бехатарии давлатӣ, ҷонишини якуми вазири корҳои дохилии ҶШС Молдавия, ҷонишини якуми раиси Кумитаи бехатарии давлатии назди Шӯрои вазирони ҶШС Молдавия, раиси Кумитаи бехатарии давлатии назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Ҷанги Ватании дараҷаи II, Ситораи Сурх, медалҳои «Барои хизмати ҷангӣ», «Барои мудофиаи Кавказ», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ҲАЙДАРОВ Аюб**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Свердлов №298, шаҳри Чкаловск***

Соли 1922 дар шаҳри Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллим, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Калининобод, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ӯротеппа, ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткаши вилояти Ленинобод, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Чкаловск кор кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ЗУБАРЕВ Геннадий Василевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Октябрь №299, шаҳри Чкаловск***

Соли 1914 дар вилояти Луганск таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Дар вазифаҳои мошинрон, ҷонишини мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Тӯла, ҷонишини якуми раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, сардори комбинати №6 кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, Ҷанги Ватании дараҷаи II, медали «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**КУЗНЕТСОВ Александр Григоревич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Комсомолӣ №300, шаҳри Чкаловск***

Соли 1923 дар вилояти Оренбург таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Сардори бригадаи дастгоҳчиҳои комбинати №6 буд.

Бо ордени Ситораи Сурх ва медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои ишғоли Вена», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**Вакилоне, ки дар ҷараёни даъват ба вакилӣ интихоб шудаанд**



**МИРЗОШОЕВ Султон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Уялӣ №89, ноҳияи Куйбишев***

Соли 1932 дар деҳаи Ғарғараи ноҳияи Данғара таваллуд ёфтааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 сар кардааст. Аз соли 1957 то соли 1963 котиби якуми Кумитаи комсомолии шаҳри Кӯлоб, котиби дуюми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Восеъ, котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон, котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Восеъ, ташкилотчии ҳизбии КМ ҲК Тоҷикистон дар Раёсати территориявии истеҳсолии колхозӣ-совхозии Кӯлоб ва котиби Кумитаи ҳизбии Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Восеъ буд.

***Таҳия М. ҲОТАМОВ***

# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967



**ПОДГОРНИЙ Владимир Дмитриевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №1, шаҳри Душанбе***

Соли 1919 дар шаҳри Ахтиркаи вилояти Сумски ҶШС Украина таваллуд шудааст. Миллаташ украин, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1942 Институти индустриалии Осиёи миёнагиро бо ихтисоси меъмор хатм намуд. Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 1942 дар вазифаҳои меъмор, сармеъмор ва мудири шӯъбаи сохтмони шаҳри Вятские Поляки оғоз намудааст. Соли 1963 котиби дуввуми Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Душанбе интихоб шуд.



**ҚАҲҲОРОВ Абдулаҳад**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Калинин №2, шаҳри Душанбе***

Соли 1913 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1930 сар кардааст. Дар вазифаҳои ҷонишини раиси Шӯрои Вазирон, раиси Госплани Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, Ҷанги Бузурги Ватании дараҷаҳои I - II ва бо ду медал мукофотонида шудааст.



**КУЗНЕТСОВА Валентина Ивановна**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Айнӣ №3, шаҳри Душанбе***

Соли 1937 дар шаҳри Сенгелаи вилояти Уляновски РСФСР таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1958 дар ташкилотҳои бинокории ҶШС Тоҷикистон ҳамчун коргари оддӣ сар кардааст. Мошинисти Раёсати бинокории №2, «Душанбестрой»-и Вазорати бинокории ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

● Ба истиқболи 100-солагии матбуоти тоҷик

# СУРАТИ ДИГАРОНРО МЕГИРИФТУ ХУД СУРАТ НАДОШТ

**Дар таърихи на он қадар тӯлонии рӯзномаи «Садои мардум» мухбир- суратгирони зиёд кор накардаанд. Танҳо панҷ нафар: Ғаниҷон Мамадсодиқов, Раҷабалӣ Юсуфов (Юсуфзода), Анатолий Колбасюк, Олимҷон Раҷабов ва Аҳлиддин Исоев.**

**Ҳар кадоме дар рӯзнома нақши худро гузоштаанд. Яке ба таҳияи суратҳои манзаравӣ майл дошту дигаре чеҳраҳои сиёсии замонро акс мегирифт. Саввум бошад, бештар ба суратҳои истеҳсолӣ майл дошт. Дигарҳо танҳо аз ҷаласаҳову маҷлисҳои Ҳукумат ва иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирифтанду аҳён-аҳён ба истеҳсолот ё сохтмонҳои аср мебаромаданд.**

**Вале суратгирон Ғаниҷон Мамадсодиқов ва Раҷабалӣ Юсуфзода аз рӯзҳои нахустини фаъолияташон дар рӯзномаи «Садои мардум» фурсати нишастан надоштанд. Котиби масъули рӯзнома Шарифи Ҳамдампур хеле серталаб буд ва ҳар гуна суратҳоро қабул надошту дар саҳифаҳои рӯзнома ҷо намекард. Шояд аз ин сабаб бошад, ки ин ду суратгири барои кори рӯзнома навкор масъулиятро дучанд ҳис карда, ба котибот беҳтарин суратҳоро пешниҳод мекарданд. Дар натиҷа, аз шумора то шумора суратҳои гирифтаашон ҳам аз ҷиҳати интихоби мавзӯъ, ҳам сифат ва ҳам бадеият беҳтару беҳтар мебаромад.**

**Имрӯз бастаҳои «Садои мардум»-ро варақ занем, маҳсули ҳар суратгир гувоҳи гуфтаҳои болоӣ хоҳад буд.**



Раҷабалӣ Юсуфзода ба рӯзномаи «Садои мардум» айёме ба кор омада буд, ки қадамҳои нахустинро дар ин ҷодаи суратгирӣ мегузошт. Агарчӣ дар курсҳои мухбир-суратгирони назди фотохроникаи Тоҷик Та (ҳоло АМИТ «Ховар») таҳсил карда, соле чун суратгир дар Институти таърих, марксизм- ленинизм назди ҳизби коммунисти РСС Тоҷикистон кор кард.

Ба хотир меорам, ки ҳангоми ба кор гирифтанаш баъзе аз кормандони рӯзнома он қадар розӣ набуданд, вале сармуҳаррир ӯро ба сифати суратгири дуввум ба кор гирифт. Дар натиҷаи омӯзишу ҷустуҷӯйҳо вай суратгири рақами якуми рӯзномаи «Садои мардум» гардид.

Маҳсули эҷоди дастгоҳи суратгириаш шумораи аввалини рӯзномаи «Садои мардум» (1 январи соли 1991, №1)-ро зеб додааст. Ин пеш аз ҳама сурати тифли навзод буд, ки маънои рамзӣ дошт. Яъне, рӯзномаи «Садои мардум» ҳанӯз мисли ин тифли кӯчак аст ва бо мурури солҳо ба камол мерасад. «Садои мардум» соли гузашта 20-сола шуд. Сурати тифли навзоде, ки дар саҳифаи аввали рӯзномаамон чоп шуда буд, писари Раҷабалӣ - Сино ном дошт ва имрӯз вай ҷавони 22 - сола аст. Як ҷавони ба камол расида. Пас рӯзномаи мо низ камол ёфтааст. Ба ҷуз аз ин сурат, боз аксҳои Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қадриддин Аслонов, доктори илмҳои фалсафа Акбар Турсунов, устод Лоиқ Шералӣ, репродуксияи расми Нусратулло Махсум дар шумораи нахустини рӯзнома ҷо гирифтанд. Вале он айём Раҷабалӣ Юсуфзода зери расмҳо гузоштани имзояшро ҷоиз намедонист. Баъде ки суратгири он солҳо ботаҷриба Александр Козловский боисрор талаб кард, ки зери аксҳояш дар саҳифаҳои рӯзнома имзояшро гузоранд, Раҷабалӣ низ имзои «Суратгир Р.Юсуфзода»-ро ихтиёр кард. Ибтидои солҳои 90-ум бархӯрдҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ оғоз ёфта буд, ҳам дар майдону гирдиҳамоиҳо ва ҳам дар фаъолияти нахустин иҷлосияҳои Парламенти Тоҷикистон. Агар бастаҳои соли 1991 ва 1992-юми рӯзномаи «Садои мардум»-ро варақ гардонед, бо суратҳои аккосинамудаи Раҷабалии Юсуфзода, бахусус чеҳраҳои сиёсии ин давр Қаҳҳор Маҳкамов, Қадриддин Аслонов, Бозор Собир, Аслиддин Соҳибназаров, Тоҳири Абдуҷаббор, Абдулмаҷид Достиев, Адолат Раҳмонова, Шодӣ Шабдолов, Сайфиддин Тӯраев, Валентина Абдусамадова ва дигарон, ки бист сол пеш чӣ гуна буданд, ошно мешавед. Раҷабалӣ танҳо ба гирифтани суратҳои портретӣ маҳдуд нашуда, депутатҳоро ҳангоми сухаронӣ аз толор ё сӯҳбат аккосӣ кардааст ва хеле муваффақ ҳам шудааст.

Ҳанӯз ҳам суратҳои ӯро дар толор мебинам: Тоҳир Абдуҷаббор, Аслиддин Соҳибназаров, Абдулмаҷид Достиев ва Муродуллоҳи Шерализода. Ин аксҳояш баъдҳо ба китобҳои алоҳида дохил шуданд, аммо зикри номи суратгирро фаромӯш карданд. Ҳол он ки солҳои 1990-1992 аз фаъолияти депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парламенти Тоҷикистон беш аз ҳама суратгир Раҷабалӣ Юсуфзода аксбардорӣ карда буд.

Барои мо- кормандони рӯзномаи «Садои мардум» акси аз ҳама азиз ин «Депутат Муродуллоҳ Шерализода дар назди микрофон истода, аз вакилон эҳтиромона хоҳиш дорад, ки ба эҳсосот дода нашаванд»... мебошад. Ин расмро худи сармуҳаррир низ маъқул донист ва аз Раҷабалӣ Юсуфзода хоҳиш намуд, ки чанд нусха барояш тайёр кунад.

Мутаассифона, ин расми таърихӣ танҳо ду дафъа чоп шуд. Яке ҳангоми суханронияш дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дуввумӣ дар шумораи 30 майи соли 1992 №103 (353) саҳифаи саввуми рӯзномаи «Садои мардум», ки ба хотираи сармуҳаррир Муродуллоҳи Шерализода бахшида буданд.

Мухбир- суратгири рузномаи «Садои мардум» Раҷабалии Юсуфзода суратҳои зиёди таърихӣ дошт, вале ин аксҳои нодирро ҳифз карда натавонист. Дар воқеаҳои сиёсии соли 1993 дуздон борҳо ба манзили истиқоматиаш «ташриф овarда» буданд. Вақте ки Раҷабалӣ ба манзилаш баргашт, бағайр аз плёнкаҳои нимхӯрдаву молишхӯрда дигар осоре намонда буд.

Азбаски вай ҷавони дидадаро ва хушчақ-чақ буд, кормандони рӯзнома ҳурматаш мекарданд. Устодон Фотеҳ Абдуллоҳ, Бахтиёр Муртазоев, Додоҷон Раҷабӣ, Умриқул Ҳақбердиев, Раҳими Бобоҷон ҳама вақт ба вай барои пешравии кораш маслиҳат медоданд. Дар натиҷа суратҳояш на танҳо дар рӯзномаи «Садои мардум», балки дигар нашрияҳо низ чоп мешуд.

Авҷи камолоти суратгириаш буд, ки воқеаҳои мудҳиш оғоз ёфтанд. Вай маҷбур шуд тарки касб карда, якчанд сол дар шаҳрҳои Санкт-Петербург, Москва, ҷумҳуриҳои Молдава, Белорус кору зиндагӣ намояд. Баъди муҳоҷират, баҳори соли 1998 ба шаҳри Душанбе баргашт ва дубора бо коллективи рӯзномаи барояш хеле азиз- «Садои мардум» пайваст. Тайи солҳои 1999-2000 боз дар рӯзномаи «Садои мардум» фаъолият дошт, аммо коллектив аллакай дигар шуда буду кори рӯзнома ҳам. Бо маоше, ки аз рӯзнома мегирифт, қаноат накарда, бо суратгирхонаҳои «Ромашка» ва «Лола»-и шаҳри Душанбе ҳамкорӣ дошт. Чун узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар тамоми чорабиниҳои бахшида ба матбуоти тоҷик ва идораи рӯзнома иштирок мекард. Зуд-зуд ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» омада, лаҳзае гузаштаро ба хотир меовард. Ифтихор дошт, ки аз нахустин рӯзҳои фаъолияти ин рӯзнома бо коллективи он буд ва дар таҳияи шумораҳои нахустини он саҳмгузор аст.

Дар пеш ҷашни 20-солагии рӯзномаи «Садои мардум» қарор дошт. Бо Раҷабалӣ аз ин хусус сӯҳбат доштам. Гуфтам, ки суратҳои солҳои пеш аккосӣ кардааш лозим шуда мемонанд.

-Бо камоли майл. Ман тавонистам қисми кӯчаки бойгонии суратҳоямро ҳифз намоям. Агар дар байнашон чизеро барои рӯзномаи ҷашнӣ ё китоб маъқул донед, ман тайёр карда, мемонам,- гуфт Раҷабалӣ.

Ин сӯҳбати охирини мо буд. Дигар вонахӯрдем. Хабари шумро шунида, то дер ба худ омада натавонистам. Охир, Раҷабалӣ нав ба синни 46 расида буд...

Собиқ мухбир- суратгири рӯзномаи «Садои мардум» Раҷабалӣ Юсуфзода 21 январи соли 2010 дар шоҳроҳи Душанбе- Ваҳдат дучори садамаи автомобилӣ гардида, таври фоҷиавӣ ба ҳалокат расид. Дар ҷойи ҳодиса сумка ва дастгоҳи суратгириашро пайдо карданд. Дастгоҳи суратгириаш аз аксҳои ҳанӯз чоп нашуда пур буд. Наздиконаш чанде аз онҳоро мешинохтанд. Инҳо ҳамкасбонаш, суратгирони шинохта Нуруллоҳ Исобоев ва Тӯхтамурод Рӯзиев буданд, ки Раҷабалӣ охирон бор аксашонро гирифтааст.

Ҳамкорон ва дӯстонаш дар рӯзномаҳо сӯгворӣ ва хотироти хешро дарҷ карданӣ шуданд, аммо сурати ин суратгирро пайдо карда натавонистанд. Шахсе, ки якумр сурати дигаронро мегирифт, худ сурат надошт. Ҳатто дар бойгонии «Садои мардум» ҳам на расмашро пайдо кардему на шарҳи ҳолашро.

Ҳамкори мо собиқ мухбир- суратгири рӯзномаи «Садои мардум» Раҷабалии Юсуфзода имрӯз бо мо нест, вале суратҳои гирифтааш тавассути бастаҳои рӯзномаи «Садои мардум» абадан боқӣ хоҳад монд.

Фарзандонаш Фарзона, Сино, Сафина ва Амина давомдиҳандаи умри нотамомаш ҳастанд.

Солҳо мегузаранд. Рӯзномаи «Садои мардум» 30 –солагӣ, 50- солагӣ ва 100 -солагиашро ҷашн мегирад. Мақолаву китобҳо чоп мешаванд ва шояд муҳаққиқе ба омӯзиши таърихи ташаккули нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон- рӯзномаи «Садои мардум» ҷиддитар машғул шуда, онро махсусан зикр намояд, ки мухбир-суратгири аввалини рӯзномаи «Садои мардум» Раҷабалии Юсуфзода буд.

*Тиллои НЕККАДАМ, «Садои мардум»*

● Табиби ман – ҳабиби ман

# ДАСТОВАРДИ НАВБАТИИ ВОРИСОНИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**Бо сатҳ ва сифати баланд анҷом ёфтани амалиёти кӯчати мӯйи сар бо усули ҷадидтарин аз ҷониби кормандони шӯъбаи ҷарроҳии реконструктивӣ ва пластикии Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо ва қафаси сина таҳти роҳбарии узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб, профессор Убайдулло Қурбонов далели соҳибмалака ва ҳамқадами замон будани табибони тоҷик аст.**

Дар ҳама давру замон инсоният ба симои зоҳирии хеш таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ додааст бо истифодаи роҳу усули гуногун онро таваҷҷуҳбарангез намояд. Вожаи «Худованд низ хушсуратонро дӯст медорад» далели арҷгузории инсонҳо ба ҳисси зебоипарастӣ аст. Дар ҷаҳони муосир рушди бемайлони технология барои рӯйи кор омадани усулҳои ҷадиди ҳифзу бозсозии ин раванд боис шудааст. Айни замон шумораи онҳое, ки аз ҷарроҳии реконструктивӣ ва пластикӣ истифода мебаранд, дар олам тамоюли афзоиш касб намудааст. Ба шарофати чунин ҷарроҳӣ теъдоди зиёди одамон, ки бо сабабҳои гуногун ҷисмашон нуқсони ҷиддӣ бардошта, аз зиндагӣ дилсард гашта буданд, дубора ба ҳаёти маъмулӣ баргаштанд. Дар ҳамин радиф, рехтани мӯйи сар низ аз ҷумлаи мушкилот аст. Шояд барои баъзеҳо ин чандон муҳим ба назар нарасад, вале бояд дарк намуд, ки мӯйи сар дар шаклгирии симои зоҳирии инсон, хоса занон, мавқеи чашмрас дорад, ки инро наметавон нодида гирифт. Бинобар ин, ҳанӯз аз замонҳои пеш одамон баҳри рӯйпӯш намудани ин камбудӣ аз василаҳои гуногун, аз қабили мӯйи сунъӣ васеъ истифода мекарданд. Ҳатто дар дарбори асилзодагони Аврупо низ пӯшидани парик ба падидаи маъмулӣ табдил ёфта буд.



Дар заминаи пешрафти дигар бахшҳои соҳаи тиб, дар ин ҷода низ навгонии зиёд рӯйи кор омада, ки ҷадидтаринаш кӯчати мӯйи сар маҳсуб меёбад. Ҳанӯз соли 1822 аз ҷониби Дом Унгер аввалин маротиба ҷарроҳии кӯчати мӯйи сар амалӣ гашта, мавсуф ба он назар буд, ки минбаъд тоссар будан ба падидаи камёб табдил хоҳад ёфт. Албатта, он замон амалиёти аз ҷониби ин олим амалигардида аз лиҳози сатҳу сифат ва натиҷа дар сатҳи нисбатан паст буд. Соли 1939 бошад, табиби ҷопонӣ С.Окида истифодаи бофтаҳои мӯйдоштаи пӯсти инсонро пешниҳод намуд. Аз он ки мӯйҳои мавзеъи пушти гардани инсон дар аксари маврид аз рехтан эмин мебошанд, пӯсти ин қисмат ба сифати бофтаҳои донорӣ истифода гардиданд. Минбаъд ин таҷриба аз ҷониби олимон Н. Тамира ва К. Фуҷита бо истифодаи усулҳои нав вусъат ёфт.

Боиси ифтихору сарфарозии мост, ки табибони тоҷик низ ба шарофати соҳибистиқлолии кишвар, таваҷҷуҳу дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва истифодаи нерӯи зеҳнии хеш дар ин ҷода ба дастовардҳои назаррас ноил шуданд. Хоса дастоварди як гурӯҳ табибони шӯъбаи ҷарроҳии реконструктивӣ ва пластикии Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо ва қафаси сина таҳти сарварии олими шинохта ва табиби ҳозиқ Убайдулло Қурбонов, ки усули ҷадиди кӯчати мӯйи сарро тариқи ҷарроҳӣ роҳандозӣ намуданд, аз лиҳози моҳият дар бахши тандурустӣ комёбии саҳл нест. Ҷоиз ба зикр аст, ки Убайдулло Қурбонов аз шумори он табибоне ҳаст, ки дар заминаи ихтирои усулҳои ҷадид ва анҷом додани ҷарроҳиҳои то ин замон имконнопазир дар бахши ҷарроҳии реконструктивӣ ва пластикӣ ба маънои томаш таҳаввулот ба вуҷуд овард. Ҳамасола аз ҷониби номбурда бомуваффақият анҷом ёфтани зиёда аз 200 ҷарроҳии душвор, ки қисме аз онҳо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ назир надоранд, ба чоп расонидани се китобу 300 мақолаи илмӣ, зери роҳбариаш ҳимоя гардидани шаш рисолаи номзадӣ, соҳиби нӯҳ патент барои ихтироот будан ва ғайра бозгӯи фаъолияти пурмаҳсули ӯст.

Тавре зимни сӯҳбат номбурда гуфт, 13 майи соли 2010 аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ аутотрансплантатсияи мӯйҳо тариқи трансплантатсияи фолликулярии пайвастагиҳо сурат гирифта буд. Агар тариқи содда чунин амалиётро бозгӯйӣ намоем, он тариқи ҷарроҳӣ якҷоя бо решааш аз як мавзеъ гирифтану ба қисмати бемӯй кӯчат намудани мӯйи сари инсон аст. Хушбахтона, ин иқдом бомуваффақият амалӣ гашта, то ин замон бо ин тарз ашхоси зиёд табобат шудаанд. Синни эҳтиёҷмандони ин намуди ҷарроҳӣ аз 23 то 48 - соларо ташкил дода, дар аксар ҳолат масоҳати аз 55 то 270 сантиметри квадратии сари онҳо бемӯй монда буд. Бино ба гуфти Убайдулло Абдуллоевич, ин нишондиҳанда дар маҷмӯъ ба 9 то 43 фоизи мавзеи мӯйдори сари инсон рост меояд. Барои амалӣ намудани ин қабил ҷарроҳӣ аз пушти сар ва қисмати пушти гӯш лоскути (пораи) пӯст дар масоҳати аз 20 то 27 сантиметри квадратӣ ҷиҳати насби минбаъдаи он дар ҷойҳои бемӯймонда бурида гирифта мешавад.

Ба суоли мо бобати раванди чӣ гуна ба ҳолати пешинааш барқарор шудани ин қисмат посух гуфта, ҳамсӯҳбатам иброз дошт, ки бо истифодаи технологияи навин, аз ҷумла микроскопи ширкати «Opton» дар муддати кӯтоҳ ин захм шифо хоҳад ёфт. Дар маҷмӯъ, ба ҳар як мизоҷ аз 2500 то 4000 пиёзаки мӯйи сар кӯчат карда шуда, давоми ду рӯз сари ӯ бо матои махсус бастабандӣ мегардад. Натиҷаи ин қабил ҷарроҳиҳо қаноатбахш буда, баъд аз 4-6 моҳ сабзиши босуръати мӯйҳои кӯчатшуда ба мушоҳида расид.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар аксар ҳолат пас аз гузаронидани чунин ҷарроҳӣ якбора рехтани мӯйҳои кӯчатшуда ба амал меояд. Ин омил набояд боиси хавотирӣ ва нигаронии ниёзмандон гардад, зеро он падидаи маъмулии натоиҷи чунин иқдомот аст. Зимни посух ба суоли мо бобати бартарӣ ва махсусиятҳои ин усул Убайдулло Қурбонов зикр намуд, ки дар шароити феълӣ кӯчати мӯйи сар ба ин тарз яке аз беҳтаринҳо маҳсуб ёфта, ҳамчун «Стандарти тиллоӣ» эътироф шудааст. Сониян, бо ин тарз амалӣ намудани кӯчат табиӣ ба назар расидани мӯйи сарро пурра кафолат медиҳад. Ин омил барои саломатӣ, бехатарӣ ва зебоии онҳое, ки ба ин намуди ҷарроҳӣ иқдом менамоянд, хеле муҳим аст, зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки кӯчати мӯйи сунъӣ ва усулҳои дигар натиҷаи хуб надода, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба саломатии ниёзмандон зараровар аст. Бинобар дар шароити кунунӣ ягона роҳи ҳалли ин мушкилӣ сари вақт кӯчонидани мӯйҳои солим бо решааш (фолликул) ба қисматҳои аз мӯй холишуда мебошад, ки онро дар илми тиб кӯчати мӯйи сар тариқи пайвастнамоии фолликулярӣ меноманд. Зимни пайгирии масъалаи мазкур дар сомонаҳои интернетӣ маълум гардид, ки арзиши бо чунин тарз кӯчат намудани як тори мӯйи сар дар кишварҳои хориҷӣ қимати гарон дорад, вале Убайдулло Қурбонов ва шогирдони ӯ барои эҳтиёҷмандон ҷарроҳии кӯчати як тори мӯйро бамаротиб арзонтар пешниҳод менамоянд.

Бо вуҷуди мавҷуд набудани таҷриба дар ин ҷода, иқдоми табибони тоҷик ҷиҳати кӯчати мӯйи сар бо усули пайвастнамоии фолликулярӣ бомуваффақият амалӣ гашта, айни замон имкони истифодаи васеи ин таҷриба дар бахши тандурустӣ фароҳам омадааст.

Бинобар ин, ҳамватанони моро мебояд, ки мақоли «Оби дари хона хира аст»-ро сарфи назар намуда, ба ҷойи сарфи маблағҳои зиёд дар хориҷи кишвар бо мақсади анҷоми ҷарроҳиҳои реконструктивӣ ва пластикӣ минбаъд аз хизматрасонии табибони ватанӣ истифода намоянд, зеро онҳо қодиранд чунин намуд ҷарроҳиҳоро дар сатҳу сифати баланд на камтар аз ҳамтоёни хориҷии худ ба анҷом расонанд.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

● Сатрҳои самимӣ

# Ифтихори ватандорӣ

«Вақте тири яроқи вазнини душман моро аз пушти мошини зиреҳпӯши ҷангӣ ба як тараф ҳаво дод, гӯшҳоям дигар чизеро намешунид. Фақат садои тирпарронӣ ба гӯш мерасиду амалиёти муҳофизавии ҳамяроқонам хира-хира ба чашм менамуд. Лаҳзае пас овони кӯдакиям, пеши назар ҷилвагар шуд.

Гӯйё бо дӯстонам бозии паррон- паррон мекунаму худро аз ин пушти девор ба он тарафаш ҳаво дода, душманонро нобуд месозам. Дар ҳамон бинои харобгаштае, ки аз солҳои қадим ва болотар аз хонаи мо дар поёни кӯҳи баланд ҷойгир буд. Дар як нафас тамоми деҳаамон ба назарам намудор гашта, дилам кушода шуд. Ҳамин дам рақибонам ногаҳонӣ ба ҳуҷум гузаштанд. Худро ба як тараф партофтам, вале китфам зарб хӯрду дилам бе худ шуд. Модарам, ки ин манзараро наззора мекард, ба сӯям давиду сарамро дар оғӯшаш гирифт: «Зиёратшо, Зиёратшо, писарам»- мегуфт. Вале модарам не, балки ҳамяроқам Раҳимҷон Сайдалиев буд, ки маро ба ҳуш оварда, ба ҳуҷуми ҷавобӣ даъват мекард…

Баъд якуним соати истодагарӣ ҳамяроқони мо расида омаданду мо аз муҳосира ва ҳуҷуми мусаллаҳонаи душман наҷот ёфтем. Дар ҳамин муҳориба ман, сарфи назар аз ҷароҳати вазнин гирифтанам, чанд душманро нобуд карда, командири гурӯҳамонро наҷот додам ва боз ду тан аз душманонро дастгир намудам.

Ин шуҷоати маро, ки бо мадади рӯҳи поки модарам анҷом дода будам, (ба назарам чунин мерасад), Ватан бо ордени «Ситораи сурх» қадрдонӣ намуд».

Ин суханони Зиёратшо Исматов буданд, ки лаҳзаеро аз давроні хизматаш дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС дар хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бароямон нақл мекард.

Зиёратшо Исматов соли 1963 дар вилояти Хатлон таваллуд шуда, баъд аз хатми мактаби миёна ва гузаштани курси кӯтоҳмуддат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС даъват шуда, хизмати ҳарбиро дар хоки Афғонистон ба ҳайси кашшоф-тарҷумон оғоз намудааст. Баъд аз як соли хизмат курси омӯзиширо дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон гузашта, ҳамчун мутахассиси воҳиди махсуси хадамоти амниятӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бармегардад. Тӯли се сол дар ин кишвари ҷангзада содиқона хизмат намуда, соли 1983 баъд аз гирифтани ҷароҳати вазнин ба Тоҷикистон оварда мешавад. Баъди чанд муддати табобат бо хоҳиши худаш ва гузаштани муоинаи тиббӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон барои идомаи хизмат бармегардад.

Ҳамин тавр, баъд аз чор соли хизмати софдилона дар ин минтақаи хавфнок ӯ ба Ватан баргашта, ба таҳсил ва такмили ихтисос машғул мешавад. Дар давоми чанд сол Академияи шаҳри Костромаи Федератсияи Россияро бо ихтисоси муҳандиси техникӣ ва баъдан Академияи шаҳри Москваро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Дар давраи донишҷӯйӣ ба духтари генерали рус Николай Шестаков дил бохта, ба ӯ хонадор мешавад ва имрӯз соҳиби чаҳор фарзанд мебошад.

Баъд аз таҳсил Зиёратшо Исматов ҳамчун мутахассиси варзида ба сафи мақомоти корҳои дохилӣ ба кор қабул гардид ва то ба



имрӯз барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи мамлакат, пешгирии ҷиноятқорӣ шуҷоатмандона хизмат мекунад. Солҳои зиёд ҳамчун муҳофизи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Федератсияи Россия фаъолият намуда, дар мурофиаҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси ҳимоятчии онҳо баромад кардааст. Зиёратшо Исматов фарзанди бо ору номус ва шуҷои Ватани худ буда, дорои ҳисси баланди миллӣ ва ифтихорманд аз меҳану гузаштагони худ мебошад. Барои шуҷоату мардонагӣ ва далериаш ҳангоми адои вазифаи интернатсионалистӣ бо як қатор мукофотҳои олии давлатӣ- орденҳои «Ситораи сурх», «Барои шуҷоат», «Барои корнамоиҳои ҷангӣ», нишони «Аълочии ҳифзи сарҳади ИҶШС» ва инчунин «Сипосномаи мардуми афғон», «Ифтихорномаи фахрии ИҶШС» ва даҳҳо раҳматномаву нишонҳои сарисинагӣ сарфароз гардонда шудааст.

Зиёратшо Исматов айни замон дар Шӯъбаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятқорӣ аз тарафи шаҳрвандони хориҷии Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД адои хизмат дорад.

*Маҳмадулло АСАДУЛЛОЕВ*




## Насби таҷҳизот дар ҶДММ «Назирӣ»

**ДУШАНБЕ. (Ф.ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, ки корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ҷиҳати ба роҳ мондани истифодаи технологияи пешқадаму замонавӣ, ворид намудани дастгоҳҳои заршӯйии замонавӣ мунтазам чораҷӯйӣ менамоянд.

Дар корхонаи ҶДММ «Назирӣ» бо сармояи хориҷӣ, ба маблағи умумии 5004249 сомонӣ як адад дастгоҳи заршӯйии тамғаи ГГМ-3, шаш адад мошинҳои боркаши тамғаи «Хова» (истеҳсоли Хитой), ду адад экскаваторҳои тамғаи «XGMA» 1,6 $м^3$, як адад булдозери тамғаи «Т-170», як адад таҷҳизоти кафшеркунӣ, се адад хона-вагон барои зист, як адад насоси обкашии тамғаи Д-200/60 ва дигар намуди техника ворид карда, аз тарафи мутахассисон васлу насби онҳо ба анҷом расонида шуд.

Дар назар аст, ки корхона дар нимсолаи аввали соли 2012 ба фаъолият шурӯъ менамояд. Ҳангоми ба кор шурӯъ кардани корхона 55 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин хоҳанд шуд.

## Рӯзи қабули шаҳрвандон аз ноҳияи Ҷаббор Расулов оғоз шуд

**ҶАББОР РАСУЛОВ. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Давраи сеюми қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода аз ноҳияи Ҷаббор Расулов оғоз гардид.

Қоҳир Расулзода дар он рӯз арзи 135 нафар сокинони ноҳияро шунида, доир ба ҳалли онҳо ба масъулин супоришҳои ҷиддӣ дод.

Масъалаҳои асосии бамиёнгузоштаи аҳли нишаст марбут ба баҳси замин, мушкилоти муассисаҳои фарҳангӣ, тиб, таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва ғайра буданд.

## Корхонаи беҳтарини саноатӣ муайян мешавад

**ДУШАНБЕ. (Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар соҳаи саноати кишвар марҳилаи аввали озмуни «Корхонаи беҳтарини сол» идома дорад. Ин озмун бо ташаббуси Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст. Тавре аз котиботи вазорат хабар доданд, озмуни мазкур бо мақсади рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноат, дастраси умум гардонидани таҷрибаи мусбати ташкили истеҳсолот, навсозии техникию технологии корхонаҳо ва афзун намудани намунаҳои нави маҳсулоти саноатӣ ҳамасола гузаронида мешавад. Комиссияи вазорат оид ба ташкил ва гузаронидани озмун то 15 март ғолибони даври аввалро муайян менамояд. Маросими супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмун ба таври тантанавӣ дар рӯзҳои таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз дар Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо хоҳад гашт.

## Бозори сарҳадӣ бунёд мегардад

**ҚУМСАНГИР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Қумсангир тибқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори сарҳадӣ бунёд мегардад. Ин нахустин бозори сарҳадӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон хоҳад буд.

Тавре аз Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия иттилоъ доданд, мавриди истифода қарор гирифтани пули калони мошингард, Тоҷикистону Афғонистонро бо ҳам мепайвандад, барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт ва баланд шудани сатҳи зиндагии мардум, ривоҷи тиҷорат шароити мусоид фароҳам меорад.

## Ярмарка – фурӯши ниҳолҳо

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар Боғи фарҳанги шаҳри Кӯлоб бо иштироки хоҷагиҳои ниҳолпарварии шаҳру навоҳии минтақа намоиш- фурӯши ниҳолҳо баргузор гардид.

Дар намоиш аз ҷониби хоҷагиҳои ниҳолпарвар, ки аксари онҳо соҳиби иҷозатномаи маҳсулоти стандартӣ мебошанд, ҳазорҳо бех ниҳоли гуногуни мевадиҳанда, ороишӣ ва гулбуттаҳо ба фурӯш бароварда шуд. Муовини аввали раиси вилояти Хатлон Абдураҳмон Қодирӣ зимни ифтитоҳи намоиш суханронӣ кард. Мутахассисони соҳа тарзу усулҳои шинонидани ниҳолҳои мевадиҳандаро ба таври амалӣ нишон дода, оид ба роҳҳои нигоҳубини боғҳо маслиҳату тавсияҳо доданд.

## Семинари сайёр доир гардид

**ҲИСОР. (М. ЗОКИР, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Ҳисор ба хотири огоҳӣ пайдо намудан аз ҷараёни кору фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот семинари сайёр ташкил карда шуд, ки дар рафти он роҳбарият ва кормандони фаъоли деҳот бо кору фаъолияти якдигар шинос шуда, табодули таҷриба намуданд.

Нахустин шуда чунин чорабинӣ аз деҳоти «Ҳисор»- и ноҳия оғоз гардид. Дар ҷараёни ин семинар иштирокдорон ба рафти корҳои саҳройӣ ва киштукори баҳорӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

- Деҳоти мо дорои қариб ду ҳазор гектар замини корам мебошад. Ҳоло кишти тирамоҳиро пурра анҷом додаем. Аҳолии деҳот акнун ба корҳои баҳорӣ оғоз кардаанд,- гуфт дар сӯҳбат раиси Ҷамоати деҳоти «Ҳисор»- и ноҳия М. Мирзоева.

## Ҳашарҳои дастаҷамъона баҳри тозагӣ

**ВАҲДАТ. (М. ХУДОЙНАЗАРОВ, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Ваҳдат ҷиҳати омодагиҳо ба Иди байналмилалии Наврӯз тадбирҳои мушаххас меандешанд. Тибқи нақша- чорабиниҳо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр бобати амалӣ намудани маъракаи ободонӣ ва ниҳолшинонӣ ҳашарҳои дастаҷамъона мегузаронад.

Сокинони кӯчаву маҳаллаҳо, кормандони ташкилоту идораҳо, табибону маорифчиён, хонандагону омӯзгорон дар маъракаи ободонию ниҳолшинонӣ муташаккилона иштирок намуда, дар ободу зебо гардонидани кӯчаю маҳаллаҳои шаҳр саҳми муносиб мегузоранд.

## Озмуни «Суруди аллаи модар»

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Ба муносибати таҷлили Рӯзи модар байни омӯзгорону мураббияҳои 30 муассисаи томактабии ҳудуди шаҳри Исфара озмуни шаҳрии «Суруди аллаи модар» баргузор шуд. Онҳо ҳунари худро ба ҳакамон дар толори кӯдакистони № 5 нишон доданд.

Бино ба гуфти котиби матбуотии раиси шаҳри Исфара Иқбол Тешаев, мураббияи боғчаи бачагонаи №21 Нодира Багадирова ғолиби озмун гашта, барои ширкат дар озмуни вилоятӣ роҳхат ба даст овард.

## Дастовардҳои варзишгарон назаррасанд

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** - Варзишгарони мактаби варзишии кӯдакону наврасони №1-и шаҳри Истаравшан дар соли сипаригашта натиҷаҳои назаррас ба даст оварда, дар пешрафти соҳаи варзиши шаҳр ҳиссаи арзанда гузоштанд,- гуфт дар сӯҳбат дастурдиҳандаи мактаб Комил Олимов.

Қобили зикр аст, ки варзишгарони шаҳр дар давоми соли 2011-ум дар мусобиқаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ, Осиё ва ҷаҳон иштирок намуда, 82 медал - 26 медали тилло, 21 медали нуқра ва 35 медали биринҷӣ ба даст оварданд. Дастпарвари мактаби мазкур Мурод Туйчиев барои гирифтани роҳхат ба Бозиҳои олимпии тобистона, ки соли 2012 дар Лондон баргузор мегардад, омодагӣ мебинад.

*Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

# Конфронси ҷашнӣ

Чанде пеш дар толори фарҳангии ба номи устод Ш. Ҳусейнзодаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба таъсисёбии аввалин рӯзномаи тоҷикӣ – «Бухорои Шариф», ҳамчунин ҷашни 100 – солагии матбуоти тоҷик конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ тахти унвони «Бухорои Шариф» ва ташаккули матбуоти тоҷик» баргузор шуд. Дар конфронс устодону шогирдон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки аксарият ҳамин даргоҳи мӯътабарро тӯли солҳои гуногун хатм намудаанд, ширкати фаъолона доштанд.

Ҷамъомадро ноиби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. Каримов ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро аз омодагӣ ба ин рӯзи таърихӣ ва мақсаду мӯҳтавои конфронс шинос намуд.

Сипас, дотсенти кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Пайванди Гулмурод аз роҳи тайнамудаи садсолаи матбуоти тоҷик, талошу мубориазаҳои ватанпарваронаи аввалин саромадони соҳа дар мавриди таъсиси аввалин нашрия бо забони тоҷикӣ дар даврони тираю тори ҳукмронии манғития, давраҳои минбаъдаи ташаккули матбуот дар замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ муфассал сухан гуфт.

Ш. Ризоев – мутахассиси пешбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Матбуот ва миллатсозӣ» баромади пурмазмуне намуд. Қаҳҳор Расулов – декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маърӯзаашро зери унвони «Масъалаҳои илму маориф дар рӯзномаи «Бухорои Шариф» манзури аҳли ҷамъомад гардонид.

Устоди факулта М. Зайниддинов пешниҳод намуд, ки ба ифтихори садсолагии матбуоти тоҷик дар назди КВД КТН «Шарқи озод», ки ба Маркази матбуоти ҷумҳурӣ табдил ёфтааст, бо ҳуруфи форсӣ ва кириллӣ намои рӯзномаи «Бухорои Шариф» тарҳрезӣ гардад.

***Мирзо НУРАЛИЕВ,«Садои мардум»***

## Ёдбуди рӯзноманигор ва муаррих

Дар толори Театри тамошобини навраси шаҳри Хуҷанд маҳфили ёдбуди рӯзноманигор ва муаррихи шинохта Ҳасанбой Шарифов бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик баргузор гардид.

Дар маҳфил мудири шӯъбаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят Абдуҳаким Шарифов, раиси бахши вилоятии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоир Аҳмадҷони Раҳматзод, адибону рӯзноманигорон Маъруфи Бобоҷон, Карим Шариф дар бораи рӯзгор ва маҳсули эҷоди рӯзноманигори шодравон андешаҳои худро баён намуда, аз ҷумла таъкид доштанд, ки Ҳасанбой Шарифов барои эҳёи зиндагиномаи сарбозони гумгаштаи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ корҳои шоистаеро ба фарҷом расонидааст.

Ҳасанбой Шарифов бештар аз 20 сол дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Суғд» фаъолият дошт ва муаллифи китобҳои «Яъқуббеки бадавлат», «Тоҷикони бурунмарзӣ», «Онҳо партизан буданд», «Тоҷики гумгашта боз ояд» ва дигарҳо мебошад.

***М.АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №7-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 6 апрели соли 2012 баргузор менамояд

**Ба музояда гузошта мешавад:**

1. Бинои меҳмонхона ва иншооти ёрирасони Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Комбинати хӯроквории Тоҷикистон», нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 150, бо нархи ибтидоии 380 000 сомонӣ
2. Як қисми бинои коргоҳи сехи асбобсозии КВД «Тоҷиктекстилмаш»-и Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, бо нархи ибтидоии 150 000 сомонӣ
3. Анборҳои базаи филиали Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзии вилояти Суғд, нишонӣ: вилояти Суғд, ноҳияи Б.Ғафуров, бо нархи ибтидоии 1200 000 сомонӣ
4. Маҷмаи саломатии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Заводи арматурӣ ба номи С.Орджоникидзе», ҳозира (Корпоратсияи РЭМА), нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Ҷомӣ 2/1, бо нархи ибтидоии 800 000 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел. 221-73-74, 221-16-14,**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 6 апреля 2012 года проводит аукцион №7 по продаже недвижимости

**На аукцион выставляются:**

1. Здание гостиницы и вспомогательные сооружения ОАО «Комбинати хӯроквории Тоҷикистон», адрес: г.Душанбе, ул. Лохути 150, со стартовой стоимостью 380 000 сомони
2. Часть здания инструментального цеха ГУП «Тоҷиктекстилмаш» Министерства энергетики и промышленности РТ, адрес: г.Душанбе, ул.Назаршоева 7, со стартовой стоимостью 150 000 сомони
3. Складные помещения филиала базы Государственного предприятия защиты растений и химизации сельского хозяйства Согдийского области, адрес: Согдийский область, Б.Гафуровский район, со стартовой стоимостью 1200 000 сомони
4. Оздоровительный комплекс ОАО «Арматурный завода им.С.Орджоникидзе» (нынешняя Корпорация РЭМА),адрес: г.Душанбе, ул.А.Джоми 2/1, со стартовой стоимостью 800 000 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский***. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения. **г. Душанбе, пр. Рудаки 44**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз рӯйи ҳалномаи Суди ноҳияи Сино бо тариқи музояда манзили истиқоматӣ, воқеъ дар хиёбони Саъдии Шерозӣ, хонаи 39/2, ҳуҷраи 61-и ноҳияи Синои шаҳри Душанберо ба музояда мегузоранд. Арзиши ибтидоии амволи мазкур 155200 сомонӣ мебошад. Музояда 6 апрели соли 2012 соати $10^{00}$ бо суроғаи дар боло зикршуда баргузор мешавад.

Телефон барои маълумот: **235-21-70, 235-21-66.**

## Эътибор надорад

Патенти силсилаи РТ - 867, №0052721-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 21 январи соли 2010 ба Муродов Сайриддин додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии №97/09-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2009 ба Гулишоев Гулишо додааст, эътибор надорад.

Патент бо РЯМ 0130015683-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе соли 2010 ба Худоёров Мирзоқадам Ёрович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи № 0049920 бо РЯМ 0930015057-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 марти соли 2010 ба Ниъматов Ибодулло додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда бо РЯМ 0730003001, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 15 сентябри соли 2009 ба соҳибкори инфиродӣ Ҳасанбоев Анваржон додааст, эътибор надорад.

Патенти гумшуда бо РМА 075191858, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 25 январи соли 2010 ба соҳибкори инфиродӣ Гулов Садриддин додааст, эътибор надорад.

Патенти № 0142652 бо РЯМ 075004154-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 11 январи соли 2011 ба Акбаров Акмалҷон Абдурасулович додааст, эътибор надорад.

Номаи камоли силсилаи А, №009740-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Тоҷикобод 19 июни соли 1992 ба Шаропов Салим Каримович додааст, эътибор надорад.

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 596/1-269 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Тухми ҷав<br>Тухми пиёз<br>Карбамид | кг<br>кг<br>кг | 1300<br>20<br>835 | 16.03.2012 $9^{00}$ |
| 597/1-270 | Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Мебел | номгӯй | 10 | 16.03.2012 $9^{35}$ |
| 598/1-271 | Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои тиббӣ | номгӯй | 6 | 16.03.2012 $9^{55}$ |
| 599/1-272 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 8 | 16.03.2012 $10^{00}$ |
| 600/2-215 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард (МИР-1)-и ш.Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелӣ L-62<br>Равғани дизелӣ МГ-8 | литр<br>литр | 10000<br>500 | 16.03.2012 $10^{30}$ |
| 601/2-216 | Таваллудхонаи №2, ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 41 | 16.03.2012 $11^{00}$ |
| 602/2-217 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансур | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Муми майдадона | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 16.03.2012 $11^{30}$ |
| 603/2-218 | Маркази саломатии шаҳрии №12, ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 49 | 16.03.2012 $11^{45}$ |
| 604/3-88 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бинои Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ШКД н.Шоҳмансур | тибқи санади нуқсонӣ | | 26.03.2012 $9^{00}$ |
| 605/3-89 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Аломати қайди муваққатии «Транзит» | ҷуфт | 50000 | 26.03.2012 $9^{30}$ |
| 606/3-90 | Муассисаи давлатии хона-интернати беморхонаи касалиҳои рӯҳии н.Ҳисор | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бинои хона-интернати беморхонаи касалиҳои рӯҳии н.Ҳисор | тибқи санади нуқсонӣ | | 26.03.2012 $9^{55}$ |
| 607/3-91 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Исмоили Сомонии ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии истгоҳҳои ноҳияи И.Сомонӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 16.03.2012 $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Арбобова Қутбия Баҳриддиновна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии силсилаи АА №005531 бо РМА 045071193 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 20 майи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Ниъматов Ибодулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0049920 бо РЯМ 0930015057 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда карда мешавад.




Роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вафоти бемаҳали мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният

**СОТИРҶОН ДОДАРҶОНОВ**

андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Пак Юрий Николаевич нисбати вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ менамояд.

Конституция-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 5 марти соли 2012, соати 19.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха*

*Навбатдори шумора Ҳабибуллоева Фирӯза*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова